# Фишурдаи нишасти матбуотӣ дар бораи фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022

Опубликовано 9 февраля, 2023 - 12:33 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ба роҳ мондааст.

Мутобиқи Низомномаи Кумита яке аз самтҳои асосии фаъолият санҷиш ва омӯзиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад. Дар ин замина, Кумита тибқи Нақшаи санҷишӣ ҷиҳати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” доир ба назорати муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар фаъолияти вазорату идораҳо, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият барои соли 2022, ки бо Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ шудааст, фаъолияти 12 субъекти хоҷагидорро мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷаи он ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда санад тартиб ва ба мақомоти дахлдор ирсол намуд.

Ҳамзамон, бо мақсади назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ва тибқи Нақшаи корӣ Кумита барои соли 2022 гурӯҳҳои кории Кумита фаъолияти шуъбаи маориф, бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, шуъбаю бахшҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Леваканту Кӯлоб, КВ “Пойгоҳи вагонҳои боркаши шаҳри Левакант ва ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб», шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Мурғоб, Ванҷ ва Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои Панҷ ва Фархори вилояти Хатлон, ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод ва Раштро мавриди назорат ва таҳлил қарор доданд.

Ҳангоми санҷиш гурӯҳҳои корӣ бо масъулони муассисаҳои мазкур корҳои таблиғотию ташвиқотӣ гузаронида, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»-ро шарҳу эзоҳ дод.

Ҳамчунин, мутахассисони Кумита дар ин давра дар ҳамкорӣ бо Прокуратураи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, Прокуратураи ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рафти амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030»-ро дар фаъолияти як қатор Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кӯдакистонҳои ҳудуди ноҳияҳои мазкур, ки дар умум 43 ададро ташкил медиҳад, санҷида, санади ислоҳи камбудиҳо таҳия карда, барои чораҷӯйӣ ба Прокуратураи ноҳияҳои Ёвон, Фирдавсӣ ва Исмоили Сомонӣ пешниҳод намуд.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2022 аз ҷониби мақомоти судӣ барои риоя нагардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи моддаи 89-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 78 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба андозаи 68 023 сомонӣ ҷарима таъин гардид ва аз ин маблағ 62 254 сомонӣ ба фоидаи давлат рӯёнида шудааст.

Кумита соли 2022 дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиши шаҳри Душанбе» забони матни ангораҳо ва навиштаҷоту овезаҳои рекламавии ташкилоту муассисаҳои рекламаистеҳсолкунанда ва соҳибкорони инфиродиро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутобиқ намуд, ки дар маҷмуъ 394 мавод мебошад.

Дар соли 2022 Кумита ба 148 адад санади меъёрии ҳуқуқӣ ва 16 маводи судӣ хулосаи экспертизаи забоншиносӣ ва танзими ҳамгунсозии истилоҳот пешниҳод намуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар назди Кумита Комиссияи номгузорӣ барои номҳои тозаэҷод амал мекунад.

Кумита дар соли 2022 ба 1334 муроҷиати шаҳрвандон оид ба номгузории фарзанд хулоса дод, ки аз ин ба 785 нафар хулосаи рад, ба 467 муроҷиаткунанда хулосаи тавсиявӣ, ба 74 муроҷиаткунандаи ақаллияти миллӣ ва 8 муроҷиаткунанда барои ивази ному насаб хулоса пешниҳод намуд.

Дар соли 2022 Кумита аз лиҳози экспертизаи забоншиносӣ ва танзими истилоҳот дар робита

ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба 28 номгузории муассисаи таълимию марказҳои омӯзишӣ, ҶДММ ва дигар ташкилоту муассисаҳо хулоса пешниҳод намуд.

Қобили зикр аст, ки дар соли 2022 аз ҷониби коршиносони шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита 36 596 истилоҳ (7 фарҳангнома ва 5 китоби таълимӣ) баррасӣ ва мувофиқа гардидааст.

Дар соли 2022 Кумита ба 25 номи маҳалли аҳолинишин ва объектҳои ҷуғрофии ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва 4849 номи объектҳои ҷуғрофӣ, инчунин, ба 826 номи ивазшавандаи ҳудуди вилояти Хатлон тавзеҳнома навишта, ба мақомоти дахлдор барои корбарӣ ва таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Кумита бо мақсади иҷрои банди 46-и «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва Нақшаи кории Кумита барои соли 2022 рӯзи 18-уми феврали соли 2022 бахшида ба «Рӯзи байналмилалии забони модарӣ» дар ҳамкорӣ бо Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Сиёсати давлатии забон ва рушди забони модарӣ», 23-юми июни соли 2022 бахшида ба 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Забон ҳамчун омили ваҳдати миллӣ», 4-уми октябри соли 2022 бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Забон ва Истиқлол», 14-уми ноябри соли 2022 бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «30 соли Иҷлосияи таърихӣ ва сиёсати забони давлатӣ» конференсияҳои илмию амалиро бо иштироки муҳаққиқону донишмандон, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажуҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор намуд.
Инчунин, мутахассисони Кумита бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 47-и “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Норак ва ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Носири Хусрав, Ёвон ва Данғараи вилояти Хатлон семинарҳои сайёри методию машваратӣ баргузор намуданд.

Дар соли 2022 мутахассисони Кумита дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, мудофиа, энергетика ва захираҳои об, рушди иқтисод ва савдо, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ, идораи замин ва геодезӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, меъморӣ ва сохтмон, кор бо ҷавонон ва варзиш, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании, рушди сайёҳӣ, агентиҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, захираҳои моддӣ, назорати маориф ва илм, хизмати давлатӣ, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Хадамоти нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо, муассисаҳои таълимӣ (дар умум, 91 муассиса) оид ба шарҳу тавзеҳи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» семинарҳои сайёр ва машғулияти идоравӣ гузарониданд.

Яке аз самтҳои фаъолияти муассири Кумита ташвиқу тарғиби сиёсати давлатии забон ба шумор меравад ва соли 2022 роҳбарият ва кормандони Кумита дар 140 барномаи таҳлилии телевизионӣ ва радиоӣ иштирок ва суханронӣ намуда, зиёда аз 60 мақолаи илмию оммавӣ дар ин робита ба нашр расониданд.

Бояд зикр намуд, ки дар Кумита маҷаллаи илмӣ-оммавии «Забон ва Истилоҳот» нашр мегардад, ки дар он мақолаҳои илмию оммавӣ доир ба сиёсати давлатии забон, назарияи забон ва истилоҳшиносӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Ҳамзамон, дар соли 2022 ҷавобан ба мақолаи раиси Раёсати ташкилоти ҷамъиятии «Ҳифзи ёдгориҳои таъриху фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Мурод Ёров таҳти унвони «Мо арзишҳои миллиамонро бояд ҳифз намоем!» вокуниши кормандони Кумита дар маҷаллаи «Мероси ниёгон» (№24 -2022) ба нашр расид.

Қайд менамоем, ки дар Кумита почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj [2] фаъол мебошад, ки дар умум 52 миллиону 816 ҳазор ва соли ҷорӣ 8 миллиону 460 ҳазор аз он истифода намудааст.

Дар соли 2022 ба Кумита 3057 муроҷиати шаҳрвандон, аз ҷумла, муроҷиати хаттӣ 736 адад,

электронӣ 690 адад, ҳуқуқӣ 14 адад, тариқи низоми гузаргоҳӣ 289 адад, шифоҳӣ 1328 адад ворид гардидааст, ки масъулон ба онҳо дар муҳлати муқарраршуда ҷавобҳои мушаххас доданд.

Кумита дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ тамоми неруи худро бахри назорат ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона намуда, бо дарки амиқи сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Пешвои миллат оид ба рушди забони давлатӣ чораҳои муассир меандешад.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (8 голос)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [3]
- Ахбори рӯз [4]

-

-

-

-

- 

http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/%D2%B2%D0%98%D0%A1%D0%9E%D0%91%D0%9E%D0%A2%20%D0%9D%D0%98%D0%A8%D0%90%D0%A1%D0%A2%D0%98%20%D0%9C%D0%90%D0%A2%D0%91%D0%A3%D0%9E%D0%A2%D3%A2%20%2809.02.2023%29.pdf

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6907

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/0005.jpg [2] mailto:info@kumitaizabon.tj [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/28 [4] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0001.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/00002.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/00003.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0005.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0007.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0008.jpg